**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМЊУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ ОМЎЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӣ**

**ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК**

**Кафедраи адабиёти тоҷик**

# РИСОЛАИ ХАТМ

**МАВЗЎЪ**: **Тањлили ғоявию бадеии лирикаи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ**


**Иҷрокунанда**: Хатмкунандаи шуъбаи рўзонаи факултети филологияи тоҷик Сахиев А.

**Роњбари илмӣ**: профессор Казакова У.


**Душанбе – 2015**

**рисолаи хатм(рисолаи дипломӣ) оғоз шуд: аз «___»___соли 2014**

**ба ҳимоя роҳ дода шуд: аз « _____»_____ соли 2015**

**Имзои мудири кафедра М.Қурбонов**

**Имзои роҳбари илмӣ У.Казакова**

**Имзои донишҷӯ___________________ М.Ҳакимбеков**

**Рисолаи хатм** дар мавзўи: **Тањлили ғоявию бадеии лирикаи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ**

Аз тарафи донишҷу Сахиев А.

Санаи 1-уми апрели соли 2015 ба роҳбари илмӣ супорида шуд

**Имзои роҳбари илмӣ**_________________________________

**Рисола пас аз таҳрири роҳбари илмӣ ба кафедра** санаи 12-уми майи соли 2015 супорида шуд

**Имзои мудири кафедра**________________

**Имзои донишҷӯ**_______________________

**Натиҷаи пешдифоъ дар кафедра**- рисолаи хатми **Сахиев А.** барои дифоъ омода гардидааст

Хулосаи мудири кафедра оид ба натиҷаи пешдифоъ**- рисолаи хатми** Хакимбеков М. **дар мавзўи**: **Тањлили ғоявию бадеии лирикаи Накибхон Туғрал** дар ҳақиқат ба талаботи рисолаҳои хатм мувофиқат мекунад.

**Имзои мудири кафедра**_________________

**Рисола ба ҳимоя тавсия дода шуд:** мундариҷаи рисола бо таҳлили илмӣ-муқоисавӣ асоснок буда,мавзўи мавриди баррасӣ қарорёфта дуруст ҳаллу фасл шудааст, бинобар ин ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Имзои роҳбари илмӣ**_____________________

**Имзои мудири кафедра**_________________

**Таърихи рўз**__________________________

Душанбе - 2015

## М У Н Д А Р И Ҷ А

Муќаддима........................................................3-7

Боби якум: Равия ва услубњои эҷодӣ- адабии замони Туғрал....8-14

Боби дуюм: Зиндагинома ва мероси адабии Н.Туғрал.............15-21

Боби сеюм: Тањлили ғоявию бадеии лирикаи Н.Туғрал………22-47

Хулоса....................................................... ......48-49

Адабиёт.................................................. ……...50-52

# С А Р А Х Б О Р

**Зарурат ва муҳимияти таҳқиқи мавзўъ.** Дар солњои мавҷудияти Њокимияти Шўравӣ муњимтарин сарватњои мадани, илму фарњанг ва адабиёт анъана ва навоварињои назму насри классикии форсу тоҷик дастраси умум шуданд. Дар илми адабиётшиносӣ ва танќиди он њаёт ва эҷодиёт, бозёфтњои эҷодӣ ањли ќалам, аз ҷумла ањли шеъру њунари волои ишон ба риштаи тадќиќ тобеъ гашта ва мањали асосии омўзиши олимон ќарор дода шудаанд. Њанўз дар аввалњои асри XX дар адабиет замина ва ҷараёни нави тадќиќи эҷоди бадеӣ омаданд.

Яке аз ин гуна роњњо ё худ ҷараённњои нави тадќиќи проблемањои адабиетшиносӣ бо усули муќоиса бањо додан ба мањсули адабию эҷоди буд. Аммо ин ҷараён низ "касал"-и пештараи њастии адабиётро давом дода, он гуна равиянњои номбаршударо шикаста натавонист. Чуноне,ки Носирҷон Маъсумӣќайд кардааст;...дар ибтидои асри XX ба вуҷуд омадани ҷраёни ҷадидӣњам бо вуҷуди навигарињои шаклию мазмуни ва кушиши содданависии худ равияи сухансароии "ќадим"-ро шикаст дода натавонист. Вай баръакс, ба мазмуни феодали адабиёти дарбори мазмуни буржуази замкарда, ба ќувваи амулинќилобӣ мубадал шударафт?

Дар оғози асри XX ҷараёни пешќадами опозитсиони ба вуҷуд омад. Ин ҷараен "Адабиётро ба њизмати халќ, ба роњи бедории милли ва худшиносӣ, ба роњи дўстии халќњо рањнамун месохт?

**Дараҷаи омўхта шудани мавзўъ.** Аз намояндагони барҷастаи ин адвра Ањмад Мањдумӣ Дониш башумор мерафт. Асари ў "Наводир-ул-воќеъ" аз бењтарин ганҷинањои адабиети нимаи дуюми асри XIX дониста шуда, дар он роҷеъ ба воќеияти нодири замони зиндагии муаллиф, дар бораи муњимтаррин руйдодњои давр сухан рафтааст. Ба ғайр аз Ањмади Дониш боз пайрвони ў Абдулќодирхоҷаи Савдо,

Шамсиддини Шоњин, Муњаммадсидиќи Њайрат ва дигарон низ ба адабиети давраи маорифпарвари сањми худро гузоштаанд.

Асоси мундаричаи осори адибони маорифпарварро ғояњоӣ нави замон навигарињои зиндагӣ, ободони, дустии мардуми мањалли бо халќи рус фош кардани нуќсонњои замона, мубориза бо руњониёну амалдорон, тарғиби омўзиши комёбињои илми эвропой ва омухтани забони русӣ ташкил додааст.

**Сарчашмаи таҳқиқ.** Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX сабки бедили низ пайравони зиёде пайдо карда буд. Ба монанди Абдулќодирхоҷаи Савдо, Тошхоҷаи Асири, Саидањмади Сидиќи, Наќибхони Туғрал, Ҷавњари, Гулшани барин шоирон аз пайравони ин услуби адаби ба шумор мерафтанд. Осори адабии ин шоирон нишон медињад, ки онњо гоњо файласуфона сухан мегуфтанд, гоњо аз "гардуни дун" шикоят мекарданд ва кулли мавридњо фикрњои дидактикиро ба муњокима мегирифтанд. Яке аз ин гуна донишмандон шоири асри XIX ва ибтидои асри XX-и тоҷик Наќибхони Туғрали Ањрорист. Доир ба њает ва фаъолияти адабии Наќибхони Туғрал истисно аз тазкираи Вазењ "Тињфат-ул-ахбоб-фи"тамаи дигар маълумоте ба назар намерасад. Танњо дар "Намунаи адабиети тоҷик" соли 1936-и Садридин Айнӣ, ки аввалин тазкираи адабиёти давраи шурави тоҷик аст, дар ќатори дигар шоирон, дойр ба тарҷумаи њол ва ҷараёни зиндагии Наќибхони Туғрал маълумоти сањењ ва равшане дода шудааст. Баъд аз ин, бо сабабњоигуногуни маълум, омўзишу тадќиќ мероси адабии шоир то солњоӣ 60-ум ќат гардид. Пас аз он, ки шахсияту,фаъолиятиТуғрал пурра муайян карда шуд, мероси адабии ў диќќати муњаќиќонро дубора ба худ ҷалб намуд.

Аввалин бор адабиётшинос Носирҷон Маъсумӣ ҷињатњои пешќадам ва мањдудияти эҷодиёти шоирро алоќамандона бо маълумоти додаи

Садридин Айнӣ ба тариќи муфассал мавриди омўзишу тањќиќи илмӣ ќарор додааст. Аќидаи ҷолиби Носирҷон Маъсумӣ дар он аст, ки вай мавзуњои эҷодиёти шоирро муайян карда мавќеи ўро дар таърихи адабиёти тоҷик муайян намудааст. Дар соли 1966 "Мунтахаботи ашъори Наќибхони Туғрал бо муќаддимаи муфассали Носирҷон Маъсумӣ ва соли 1986 "Гиёњи мењр", "Мунтахабот"-и Туғрал бо муќаддимаву матну луғати А.Пулодов ва А.Рањмонов аз чопбаромад.

**Усули таҳқиқ.** Усули тадқиқи рисолаи мо таҳлилӣ- муқоисавӣ аст.

**Апробатсияи(баррасии) рисола .** Мавзўи рисолаи хатми мо ҳануз 19-уми сентябри 2014 дар маҷлиси ғайринавбатии кафедра муҳокима ва тасдиқ гардида буд.

**Сохтори рисолои хатм .** Рисолаи хатми мо аз ҷиҳати устухонбандӣ аз муқаддима, 3 боб , зерфаслҳо,хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст. Тавре ки мебинем, масъалањои ғоявию бадеии ашъори шоир то њол муайян нашудааст. Њамчунин, мавќеи адабии ў низ дар таърихи адабиёти тоҷик пурра муайян нагардидааст. Аз ин сабаб масъалањои ғоявию бадеии лирикаи шоирро ба андозаи донишу фањмиши ХУД тањлил намуда, моњияти эҷодиёти ўро нишон доданием. Муаллифи ин сатрњо дар навиштани "Рисолаи дипломӣ"-и худ, ғайр аз осори чопшуда боз ахбори Наќибхони Туғралро истифода бурдааст, ки дар бораи онњо ишора хоњам кард.

Б О Б И 1 .

## РАВИЯ ВА УСЛУБЊОИ ЭҶОДИИ АДАБИИ ЗАМОНИ ТУҒРАЛ

Дар адабиёти классики форсу тоҷик охири асри XIX ва ибтидои асри XX давраи таърихии тараќќикарда ва мураккаб мебошад. Њайёти адабӣ дар ин давра вобаста ба вазъияти иќтисодӣ, сиёсӣ ва мадании Осиёи Миёна хеле пурпечутоб буд.

Сар то сари тобеияти Бухорову Самарќандро ин вазъият фаро гирифта буд. Ин давра бо шароити нави таърихии халќи мо,бо тараќќиёти иќтисодиву сиёсии ин кишвар ва бо давраи ба Россия хамроњ шудани Осиеи Миёна характернок аст.

Муњити адабӣ маданӣ ва адабие,ки дар ин давра ба вуҷуд омада буд, њам аз ҷињати дараҷаи ғоявӣ ва њам аз ҷињати шаклу мазмун ќадаме ба пеш гузошта буд. Пеш аз он, ки дар бораи тамоилњои адабиёти ин давра маълумот дињем, бояд њаёти сиесиву иќтисодии онро мухтасар аз назар гузаронем.

Аз нимаи дуюми асри XIX саркарда дар њаёти иќтисодиву сиёсии халќњои Осиеси Миёна, аз ҷумла халќи тоҷик, воќеањои бузурги таърихи бавуҷудомадан гирифтанд. Бо Россия њамроњ шудани Осиёи Миёна намунаи барҷастаи ин гуна рўйдоди таърих ба њисоб меравад. Ин рўйдод бо њамроњшавии Осиёи Миёна ба Россия њамчун воќеаи таърихии объективи ањамияти калони тараќќипар вариро доро мебошад.

Аммо ањамияти бузургтаррини ин воќеа аз он иборат буд,киОсиёи Миёна ба мамлакате њамроњ шуд,ки он дар охирњои асриXIX маркази Ҷубишњои инќилобӣ гашта бедоршавии шуури халќимењнаткаш барои мубориза бањри озодӣва истиќлолият њис кардамешуд. Бо мурури замон таъсири маданияти рус ба њаёти маданивуиќтисодии халќњои Осиёи Миёна, аз ҷумла халќи тоҷик, рўз аз рўззиёд мешуд.

Роњ ёфтани ғояњои озодихоњона барои бедории ицтимоӣдар адабиёти тараќќипарварӣ охири асри X1X-и тоцик низ сабабгашт ва он аз шиносои бо Россия ибтидо гирифт. Шиносои бо навигарињои кишвари Россия, бо техника ва тартиботи нисбатан пешќадами он ва ба воситаи Россия шиносо шудан ба маданияти пешќадами Аврупо барои њаёти маданию сиёсӣ, адабию фарњангии халќитоцик ањамияти калон дошт. Он барои равшан намудор /сохтани/ шудани вайронии тартиботи бани аморати Бухоро, аќибмонии техникию маданӣ, ицтимоӣ ва иќтисодӣ афзун шудани цабру зулми мењнаткашон имкони бештаре фароњам оварда буд. Аз ин сабаб норозигии ањли илму адаб ва мењнаткаши аморати Бухоро торафт афзуд. Халќи мењнаткаш, махсусан дењќонон, дар натицаи истисмори вањшиёнаи феодалон ва руњониёни иртицоъпараст, дар натицаи андозу хироцњои бешумор ањли мењнат бенаво ва хонахароб шуда буданд. Дар баробари ин гуруњњои тараќќипарвар аз халќдургашта буданд. Вазъияти тезу тундба ањли илму адаб имконияти озодона сухан гуфтану ба халќ пайваст буданро дода наметавонист.

Дар ин давра гуруњњои тараќќпарваре ба вуцуд омаданд,ки маќсади онњо ва сарнагун кардани њукумати амирӣ,балки як навъ ислоњ намудани камбудињои цойдошта дар сохтори давлату давлатдорӣ буд. Ба аќидаи намояндагони ин гуруњ сохти цамъиятро на бо роњи инќилобӣ,балки бо ислоњи њокимону давлатдорон ва руњониён бо роњи тараќќи додани маориф ва маданият дигаргун кардан мумкин буд. Ба ин гуруњ бештар нависандагон, олимон ва як гуруњ омузгорон дохил мешуданд. Маќсади асосии прогрессивии ингуна гуруњњои тараќќипарвар дар он буд,ки онњо дар илму маданияти Россия ва Аврупо цињатњои пешќадам ва тараќикунандаро дида ба омухтан ва тартиб намудани маданияти ин халќњо кўшиш менамуданд.

Гуруҳҳои дигаре низ вуҷуд доштанд,ки онҳо ба он кўшиш мекарданд,ки аҳли илму адаб ва шахсони баруманд бо маданият ва пешравии халќҳои Россияю Аврупо шиносо набошад. Ба ин гуруҳ руҳониёни иртиҷоъпараст ва табаќаҳои ҳукумрон дохил мешуданд.
Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, маданияти рус баҳаёти маданиву иќтисодии халќҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халќи тоҷик таъсири мусбати худро гузошт. Дар натиҷаи ин таъсир чи тавре,ки академик Бобоҷон Ғафуров ќайд кардааст; "Дар байни интелегентсияитоҷик дар хонии Бухоро ҷараёни маорифпарварӣ ба вуҷуд омад.

Аммо ба вуҷудомадани ҷараени маорифпарварӣҳам бар ҳаёти адабӣ ва ҳам бар ҳаёти иќтисодиву сиесии халќи тоҷик воќеаи бузурги таърихи буд. Ин ягона ҷараёне буд,ки "ба ҳалќаи таќлидкорӣ рахна зада, бо танќиди тезу тунди замона ва заминдорон, бо мундариҷаи ҳаетӣ, ҳатто бо табадулоти нави иҷтимоӣ дахолаткунанда, ба муќобили адабиёти падарҳавоӣ феодали амал мекард, адабиётро ба хизмати халќ, ба роҳи бедории милли ва худшиносӣ ба рухи дустии халкҳо раҳнамун месохт.

Ин ягона ҷараёни пешќадами оппозитсионие буд,ки асоси эҷодиёти намояндагони онро гояҳои пешќадами замонави ташкил дода, дар адабиёт гардиши мундариҷавӣ ба вуҷуд меовард. Вале камбудиҳои намояндагони ин ҷараён дар он буд,ки онҳо анъанаҳои пешинаи адабиёти классикиро ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмун давом медоданд.

Яке аз намояндагони барҷастаи ин давра Аҳмади Донишмебошад ки "Наводир-ул-ваќоеъ"-и ў аз беҳтарин ганҷинаи адабиёти нимаи дуюми асри XIX мебошад. Ба ғайр аз Аҳмади Дониш боз пайравони ў Абдулќодирхоҷаи Савдо, Шамсиддини Шоҳин,Муҳаммадсиддиќи Ҳайрат ва дигарон ба адабиёти халиќию демократии давр таъсири худро гузоштаанд.

Шакли мунтазами ин гуна ҳаракати пешрафтаро дар эҷодиети

адибони ибтидои асри XX дидан мумкин аст.

Ибтидои асри XX дар њаёти халќњои Осиёи Миёна, аз ҷумла халќи тоҷик, њам аз чињати вусъати воќеањои сиёсиву таърихӣ ва њам аз чињати инкишофи ғояњои адаби мавќеи хеле муњимеро ишғол менамояд. Дар Осиёи Миёна заводу фабрикањо,корхонањои саноатӣ руз то руз меафзуданд. Дар ин гуна заводу фабрикањо намояндагони синфи коргари мањалли ба вуҷуд меомаданд ва аз тараќќиёти илму њаёти иќтисодиву сиёсии Осиёи Миёна њарчанд,ки дигаргунињои ҷидди мушоњида мешавад, ањволи иќтисодии мардум руз то руз бад мешуд. Муќобилият ва нафрати ањли мењнат торафт меафзуд.

Револютсияи якуми рус яъне солњои1905-1907, ки ибтидои ҷунбиш ва њаракати коргарон буд, ба њаёти халќњои Осиёи Миёна таъсири худро гузошт. Таъсири ғояњои болшевикон ва мавќеи ташкилотњои партияи онњо дар шањрњои Осиёи Миёна нисбатан меафзуд.Баъд аз ҷанги якумиҷањон ба вуҷуд омадани Револютсияи Сотсиалистии Октябр воќеањои бузурги таърихӣ ва револютсиони мебошанд, ки дар бедории халќњои Осиёи Миёна роли калон бозидаанд. Адибони тараќќипарвари ибтидои асри XX бисёр хусусиятњои маориф- парвариро давом дода бошанд њам, онњо ин гуна афкори худро ба вазифањои инќилоби инкишофёфтаистода алоќаманд карда натаво- нистанд. Хизмати назарраси ин гуруњи адибон, пеш аз њама, дар кори равнаќу ривоҷ додани мактабу маориф таќлид ба мактабњои русӣ, тарғиби илму техника ва пешравињои илму маданияти рус буд онњо ин масъалањоро нисбат ба адибони нимаи дуюми асри XIX хеле амиќу равшан нишон доданд. Пас, ғояи асосии адабиёти тоинќилобии тоҷик ва поязњои инкишофи он ба њамдигар алоќаи нави доранд, вале ин ғоя аз орузи озодӣ, халќпарварӣ,таъсифи мењнат хислатњои нек ва васфи ишќи инсонӣ, мазаммати муфтхурӣ ва тамбалию коњилӣ иборат буд.

Вобаста ба муњити замон ва рўйдодњои таърих, дар ибтидои асри XX дар адабиёт ҷараёнњои гуногун ба вуҷудомадан гирифтанд Шароити зиндагӣ ва таърихии Осиёи Миёна назар ба даврањои гузашта мураккаб буд, он барои инкишофи минбаъдаи адабиёти равияи тараќќипарвар марњилаи сарнавиштсоз мебошад. Аммо дар баробари ин дар ибтидои асри XX ќувваю пурзурӣ замонро дидан мумкин аст. Ин ќувваи зиддифеодалӣ дар њаёти мамлакат пайдо шудани муносибатњои капиталистӣ ва њаракати буржуазияи мањалли мебошад.Дар натиҷаи ин њама дар њаёти иќтисодӣ ва адаби дигаргунињои намоён ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла оњан сохта шуд, корхонаву муассисањои гуногун ба вуҷуд омаданд, бозори дохилӣ васеъ шуд, савдои буржуазӣравнаќу ривоҷ меёфт.Баробари пайдо шудани буржуазияи мањалли, матбуоти ўњам ба вуҷуд омад. Дар ибтидои асри XX дар Осиёи Миёна ба монанди "Оина" ва "Бухорои Шариф" журналу рузномањо чоп мешуданд. Дар якчанд марказњои илмию адабӣ«Самарќанд, Когон,Ќуќанд ва Тошканд» дастгоњњои китобчопкунӣ ташкил ёфта буданд.Мактабњои русӣ кушода шуданд,ки бо таъсири онњо мактабњои мањаллӣ ба усули нави таълим мегузаштанд.

Дар ибтидои асри XX чуноне,ки ќайд намудем,њаракати маорифпарварӣњамчун ҷараёни опозитсионии тараќќипарвар ба вуҷул омада буд. Муборизаю ҷараён ва равияи халќӣ дар адабиёт вусъат мегирифт ва ин њолат аз тараќии адабиёти равияи халќию демо- крати гувоњи медод. Мавзўъњои асоси дар адабиети равияи халќию демократии ибтидои асри XX талќини маорифу маданият,навигарињои зиндагӣ, ободонӣ, дустии марпуми мањаллӣ бо халќи рус,мубориза бо руњониёну амалдорон, тарғиби комёбињои илмии Руссия ва Аврупо буданд. Дар сурате,ки адабиёти равияи аввал ғоянӣ инсонпарварию мењнатдўстӣ, маърифатпарварӣ ва озоди муборизаро алайњи

нодорињои зиндагӣ тарғиб менамуд, адабиёти равияи буржуазӣ-

либералӣ манфиати синфи буржуазиро њимоя мекард. Дар ибтидои асри XX ҷараёне бо номи «Ҷадидизм»ба миён омада буд. Доир баин ҷараён дар адабиётшиносии тоҷик фикрњои мухталифу ба њам зиданд. Иддае аз олимон ин ҷараёнро ҷараёни иҷтимоӣ, фалсафӣ- адабӣ ва маданӣ дониста, маорифпарвариро моњият ва асоси мундариҷаи он мењисобанд.Чунончӣ, профессор Холиќ Мирзозода навиштааст: "Ин ҷараён моњиятан ягона нест, зеро дар он манфиатњои синфињунармандон, дењќонон, савдогарон, буржуазияи калон ва зиёиёни тараќќипарвар акс ёфтааст".

Дар адабиёти ибтидои асри XX анъанањои неки адабиёти классикӣ давом дошт, ки пањнкунандагони он дар эҷодиёти худ бауслуби бедили пайрави мекарданд. Пайравони ин услуб дар мавзўъ,воситањои тасвир, шаклњои шеърӣ, приёмњои адабӣ,образњои анъанавй ва адабиёти классикии даврањои пеш таќлид менамуданд.

Камбудии асосии ин гурўњи шоирон аз он иборат буд,ки онњоаз воќеањои сиёсию иҷтимоии замон бохабар, вале аз ҷињатимафкураи ғояви мањдуд буданд. Онњо бисёр ваќт дар эҷодиётихуд, дар баробари истифодаи образоњои забонзадаи адабиёт /Лайлӣ, Маҷнун, Юсуф,Зулайхо, Хусрав,Ширин ва ғайрањо ба мазмунумундариҷаи адабиёти классики низ таќлидкорона муносибат мекарданд. Ин гуна њолатро дар достонњои ишќӣ бештар мушоњида кардан мумкин аст.
Ин нопухтагиву таќлидкорињо сарто сари эҷодиёти адибони пайрави адабиёти анъанавиро фаро гирифта буд. Чунон ки Холиќ Мирзозода нишон додааст, онњоро "Шоирони прогрессивии замон аз парвози осмонии хаёлоти пуч ба тасвири њаёт омадан, одамони замона шудан, барои ободонии халќу ватан кўшиш намудан даъват мекарданд".

Пайравони адабиёти анъанавии ибтидои асри XX Гулшанӣ,Васлӣ,

Сипандӣ, Накибхони Туғрал ва дигарон ба шумор меравандки услуби бедилӣ ташкил додааст. Ин услуб дар шароити сохти феодалӣ,набудани озодии фикр ва хуќуќњои демократӣ ба вуҷуд омадааст.Аксарияти шоироне,ки бо ин услуб асар эҷод менамуданд, дар ҷањонбиниихуд бар зидди сохти замон мубориза бурдаанд. Фикрњои пешќадаму тараќќипарваронаи онњо дар зери пардањои рамзу киноя,воситањои тасвири бадеии печ дар печу мураккаб баён мешуданд. Қисми зиёди шоирони равияи адабиёти анъанавии ибтидои асри XX ба мутолиаи асарњои Бедил бештар машғул буда, худро як навъ пайрав ва мукаллиди услуби бедили мехисобиданд. Ба назари онхо ин гуна пайрави як навъ ифтихори бузурги адаби менамуд. Бештарини ин шоирон бағазалиёти Бедил пайрави намуда, дар айни њол мазмунњои ғазалиёти худро бо як тарзи нисбатан ба мазмунњои эҷодиёти бедил пассивона баён менамуданд ва ба ғазалњои шоири забардаст ҷавоб менавиштанд.

Аммо ба он муваффаќ шуда наметавонистанд. Шоироне низ буданд, бањс барои пайрави кардан ба услуби Бедил услуби ба худ хосе низ доштандќисме аз он шоироназ ќабили Асири, Њайрат, Сиддиќи дар охир аз ин сарбастабаёни ва таќлид ба услуби бедилӣ тамоман даст кашида роњи содданависӣ ва тасвири њаќиќии њаётро пеш гирифта буданд.

Дар натиҷа онњо ба шоирони баруманд дар як ќатор меистоданд ва ифодањои махсуси Бедилро ба таври сунъӣ, гоњо ба маврид ва гоње мувофиќи фањмишу фикри худ кор мефармуданд. Ин санъати баландмазмуни эҷодиёти Бедил дарашъориин мукаллидон ба пургуи ва пургуињо омада расида буданд. Онњо аз услуби бедилӣ  халос шуда натавонистанд.

БОБИ ДУЮМ

## ЊАЁТ ВА  МЕРОСИ АДАБИИ НКИБХОН ТУҒРАЛ

Наќибхон Туғрали Ахрори аз авлодони охирини Њоҷа Ањрори Вали /асри ХУ/ мебошад. Дар бораи њаёт ва фаъолияти адабии Наќибхони Туғрал дар ягон махази адабӣ маълумоти пурра ба назар намерасад.Дар тазкираи Возењ «Туњфат-ул-ахбоб-фи тазкирот-ул-асњоб» оид ба шоире игаора богаад њам доир ба тарҷумаи њоли ӯ чизе гуфта нашудааст. Вале фаќат баъди ғалабаи инќилоби  Октябр аввалин бор Садриддин Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" оид бањаёт ва эҷодиёти шоир маълумоти дурусту мухтасаре додааст.

Ӯ навиштааст "Наќибхони Туғрал дар кущистони Фалғар таваллуд ёфтааст,ки дар Самарќанду Бухоро тањсили камол намудааст".

"Дар соли 1919 ба хидмати њукумати шурой даромад,ба вата- ни худ фалғар кор мекард.Дар ваќти њуҷуми босмачиёни Мастчоњ ба Фалғар њамроњи асокири сурх ба акси њуҷум иштирок намуда буд.Дар он сафар ба сабабе кушта мешавад"

Ш Мањмадшоев яке аз Туғралшиносони бењтарин дар куњистони Зарафшон ба шумор меравад.Уњам бо Туғрал ва њам бо Садриддин Айнӣ вохурдааст.Ш Мањмадшоевборе барои донистани маќоми шоирии Туғрал ба Самарќанд рафта бо Садриддин Айнӣ мулоќот мекунад.Садриддин Айнӣ ба у мегӯяд: "Туғрал шоири баркамол аст.Ашъори у мерикаи хушбаёнро дорост. Умед дорем,агар њаќиќати солњои охири њаётам равшан карда шаваду яке аз шоирони пуристеъдод эътироф хоњад гардид".

Аз маълумоти Садриддин Айнӣ ва хотироти њамсаронам маълум мешавад,ки Туғрал дар шароити низњоят душворикуњистониФалғар зиндагӣ кардааст.Куњистоне ки њаёти шоир асосан дар он ҷо гузаштааст,пеш аз револютсияи Октябр макони машаќќат ва ҷабру зулм буд.

Худи муњити ҷуғрофӣ душвории аввалини њаётгузарон дар водии Фалғар буд.

Дар солњоиЊокимияти шўравӣ ба сари мардуми кўњистон душвории дигар тохту този босмачињо нињоят пурзур гардид.Шоир дар њамин гуна шароити душвор зиндагӣ кардааст.Наќибхон Туғрали Азфорӣ соли 1280-1864 дар Зосун ном дењаи музофоти Фалғор нохияи Айнии њозира дар оилаи давлатманд ба дунё омадааст. Овони бачагии Туғрал дар дењаи худаш гузаштааст. У маълумоти ибтидоиро,мувофиќи гуфтаи Ш. дар зодгоњаш аз Муллоғайбулло ном шахсе,ки тарбиятгар ва њам муаллимам буд, гирифтааст. Туғрал баъд тањсили худро дар яке аз мадрасањои Самарќанд ва баъдтар дар мадрасаи Мири Араби Бухоро давом медињад. Дар якчанд сол, яъне то соли 1914 истиќомат мекунад.Туғрал дар тамоми давоми тањсил рафтуомади худро аз зодгоњаш накандааст. У баъд аз тањсил ба ватани худ баргашта, ба Истам бинти Аваз ном каниздухтар хонадор мешавад. У бо ин зан якчанд сол зиндагӣ карда аз сабаби бефарзанди боз бо Мукаддара Аслиддинова ном духтараќдиникоњ мекунад.

Аксар мардуми њамдиёру њамзамон ва мухлисони шоир дар шахсияти Туғрал шахси неккирдору одамдуст, худписанду њавобаланд, олуфтарафтору, мулоњизакор, њаҷвнигору њозирҷавоб ва донишманди нотарсро медонанд.

"Чунин хислатњо-менависад Носирҷон Маъсумӣ-образи шоиреро муҷассам месозанд, ки у бо табиати хоси зиддиятноки худ дар њаёти дулоби маданӣ ва иҷтимоии ибтидои асри XX њамчун намояндаи барҷастаи яке аз равиянњои адаби ҷудо шуда меистанд"

ГарчандеТуғрал аз оилаи давлатманд ва аз авлоди ЊоҷаАњрор буд, ифтихори аҷдоди ва њирси молу пулпарасти надоштааст.

У аз камбағалону бечорагон ёрӣ ё мадади иќтисоди расониданро

дареғ намедоштааст ва худаш низ осудаҳолу хоксорона зиндагӣ мекардааст.Ҳатто ёрии бародарони худ Мансурхон Дамзахон ва Акбархонро ба худ ҳеҷ муносиб надидааст. Зиндагонии хоксоронаи шоирро аз порчаи зерин ҳам равшан ҳис кардан мумкин аст.

Чунон сомони домон кардаам кунҷи ќаноатро,
Ки андар дил набошад таманнои зарусимам
Хоке ори нест кам аз дастгоҳиэътибор,
Бурёи фаќр ҳамчун тахти Ҷам дорем[1]

Наќлу ривоятҳо дар бораи Туғрал бисёр ва бо мазмуни худхеле ҷолиби диќќатанд. Аксари онҳо ба ҳаќиќат наздиктар буда, симои шоир вағояиашъори уро дар пеши мо вонамуд мекунад.
Вале баъзе ривояту наклҳо хусусияти афсонави дошта бофтаи одамон мебошанд.Масалан: ривояте,ки дар он аз вохурдани Туғрал Шоҳинро дар Самарќанд сухан меравад, аз ќабили ҳамин гуна наќлу ривоятҳост. Носирҷон Маъсумӣ дар ин бора фикри ќобили диќќате гуфтааст. Фаќат ҳамин нуќтаро ќайд кардан зарур аст,ки Туғрал эҷодиёти Шоҳинро мутолиа намуда, аз он баҳравар шудааст ва илҳом гирифтааст. Бесабаб нест,ки у Шоҳинро устоди худ мешуморад. Ғайр ах ин Туғрал мухаммасе дорад, ки бар ғазали Шозҳин баста шудааст.

Туғрал баъди хатми Мадраса, дар солҳои охири ҳаёташ, аз найрангҳои фариштаангези душманонаш дилгир шуда, ба зодгоҳи худ бармегардад. Солҳои 1914-15 бо ёрии дустонаш ашъори худро ба шакли девон даровbooарда ба, чоп тайёр мекунад,ки соли 1916 дар Когон чоп мешавад.

Камолоти эҷодии Туғрал баъдҳо, дар натиҷаи рафтуои у ба Самарќанд, баъзан иштирок намудан ба суҳбатҳои шоирони Бухоро

**1.Туғрали Аҳрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.43**

шиносои ва дўстӣ бо якчанд шахсони шоиртабъ, боз њам равнаќу ривоҷ меёбад.Солњои охирини њаёти шоирро махсус ќайд кардан лозим аст. Дар баробари он ки Туғрал ба ватани худ баргашта бо касби дењќонӣ ва чорводорӣ машғул мешавад, ба вазифањои ҷамъиятӣ низ кор мекунад. Аз ҷумла,Туғрал соли 1918 вазифаи раисии Комиссияи таъминоти музофоти Фалғарро адо намудааст.Ў ба халќ ва бештар ба камбағалону дењќонон аз ҷињати хўрокворӣ мадад мера- сонидааст.

Туғрал як ќисми њаёти худро барои саводнок намудани фарзандони дењќону камбағалон бахшидааст. Њангоме,ки Шукурӣ дар Самарќанд мактаби нав мекушояд, Туғрал бо ў алоќаи доимӣ пайдо намуда, яке аз тарафдорони мактаби нав мешавад. Баъдтар соли 1919, дар ќишлоќи Урметани Музофоти Фалғар бо њамроњии муаллимони Урметанӣ, ки дар Самарќанд мехондааст,мактаби нав мекушояд. Ањли дин ва босмачиён аз ин хабардор шуда, мактабро бо тези барњам медињанд.

Ш.Мањмадшоев њангоми ҷустуҷўи аз муќоваи як китоби китобхонаи шахсии муаллими Хизматнишондодаи мактабњои республика Муллосафар Қурбонов чунин порчаи шеъриро пайдо намудааст, ки Туғрал онро соли 1919 иншо карда будааст:

Айёми рабеъу иди Наврўз омад,
Наврўз шуду ба халќи нав руз омад.
Тифлони дабистон њама гаштанд озод,
Озодии Наврўз зи наврўз омад.

Ин порча нишон медињад,ки Туғрал аз омадани рўзи наврўзи озодӣ ва њаёти нав бенињоят шод аст.Шоир на танњо аз омадани иди Наврўз хурсанди изњор менамояд, балки аз шўълаи инќилоб ифтихор дорад.

Чунин ба назар мерасад,ки Туғрал њам,ба монанди дигар шоирони пешќадаму маорифпарвар-Шоњин, АсириДайрат ва дигарон дар ашъори худ кўшиши ифода намудани аќидањои маорифпарвариро доштааст. Илова бар ин, ў дар ибтидои инќилоби Октябрба хизмати сохти нав камар мебандад. Вале чунин камолоти маънавӣ дер давом намекунад. Шоир 29 июни соли 1919 бо иғвои душманонаш ба шубњае кушта мешавад.

Туғрал бешубња шоири сермањсул буд. Аммо аз мероси адабии ў ба мо тanњо як девони ашъор омада расидааст ва ин њамон девонест,ки соли 1916 дар матбааи Когон ба чоп расидааст. Девони Туғрал аз ғазалиёт, мустањзод, ќасоид,"Фироќнома", "Соќинома" ва 172 байт шеърњои пароканда иборат аст,ки 3693 байту як мисраъро ташкил медињад. Ба ғайр аз девони шоир,боз як маҷмуаи ашъори ў дар шакли дастнавис дастрас гардидааст, ки онро шартан "Нусхаи мавлув" меноманд. Ин маҷмуа аввалин шеърњои шоирро дар бар мегирад, Бо ташабуси Ш.Мањмадшоев 53 байт шеърњои тозаи њамондавраи Туғрал ҷамъ карда шудааст. Њамин тавр то имрўз аз осори адабии Туғрал зиёда аз 3950 байт ҷамъоварӣ шудааст.

Дар тазкираи Возењ, "Тућфат-ул-ахбоб фи тазкират -ул-асњоб" ва дар китоби "Намунаи адабиёти тоҷик"-и С.Айнӣ порчањои шеърие оварда шудаанд,ки онњо дар девони шоир мавҷуданд, ва осори шоирро пурра карда наметавонанд. Ш.Муњаммадшоев њангоми суњбат 21 феврали соли 1983 гуфта буд:

"Туғрал ба ғайри девони шеърњо, боз бо номњои "Ахлоќ" ё "Бањористон", "Лайлӣ ва Маҷнун", "Тазкират-уш-шуаро" асарњо навиштааст. Мутаасифона, ин асарњо њоло нопайдоанд. Њангоме,ки Туғралро ба ќатлгоњ мебаранд,аз хешу таборон ва оилаи худ, хусусан аз Тураќул ном хеши худ хоњиш кардааст,ки китобњо ва дастнави- сњои ўро ба Самарќанд барад ва ба ёру рафиќони онҷоиаш супорад.

Тураќул хоњиши шоирро пинњони ичро карда будааст.

С.Айнӣ оид ба эҷодиёти Туғрал таваќќуф намуда,гуфтааст:Туғрал муќаллиди Белил аст, лекин мисли бисёртарин муќаллидони Бедил пар ин пайравӣњеҷмуваффаќнашудааст истеъдодиТуғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаидди болоравӣбуд. Агар табъи худро дар асорати таќлиди Бедил намеандохт ва њам ба њаќи худ бисёр некбин намебуд аз саромадони замони худ шуданаш муњаќќаќ буд.

Ашъори аввалини солкой ҷодиёти шоир то андозае нопухтаву содда мебошад, ки аз онњо фаќат њусну сухан намудор аст.Баъдњо, дар натиҷаи мутолиаи асарњои классиконамон ва пайравӣ ба "сабки белили", Туғрал то ба дараҷаи устодони назми классикӣ расидааст.

Дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX жанри ғазал мавќеи намоёне дошт.Шоирони ин давр дар ғазалсарой азустодони худпеш нагузашта бошанд њам, дар ифодаи эњсосоти ишќи лирикӣ ва масъалањои муњими замонашон мањорати худро нишон додаанд.

Туғрал аз пешќадамтарин адибони ғазалсарои давраи зикршудаи адабиётамон мебошад. Ў дар ғазалсарой аз устодон ва анъанаи гузаштагони худ Саъдӣ, Сайдо, Камол, Бедил ва дигаронро давом дода аз ашъори онњо эҷодиёти худро сайќал додааст.

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик инкишоф ва такомули ғазал ба эҷодиети Саъдии Шерозӣ, Њофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷанди вобаста бошад њам дар асрњои охир, аз ҷумла дар ибтидои асри XX, шоирон ғазалро њам аз ҷињатињаҷм ва њам аз ҷињатимавзўъю ғоя инкишоф доданд, ки намунаи онро дар эҷодиёти Чавњари Асирӣ,Туғрал ва дигарон дида метавонем.

Эҷодиёти шоир њам аз чињати шакл ва њам аз чињати мазмун ва мундариҷаи рангоранг мебошад.

Аз маҳсули эҷодии шоир маъ- лум мегврдад,ки дар ашъори ў жанрҳои адабӣғазал,мухаммас, мусаддас,ќасида, мустазод ва тарҷеъбанд мавҷудаст.

Илова бар ин, дар девони шоир "Фироќнома" дар ҷавоби "Соќинома"-и Анварӣ ва Ҳочуи Кирмонӣ, инчунин дар ҷавоби "Соинома", "Соинома"-и Мирзо Абдулќодири Бедил мавҷуд мебошад. Аммо асоси маҳсули адабии Наќибхони Туғралро ғазалиёти ў ташкил медиҳад, ки аз 305 адад, 850 байт иборат аст.Дар ҳаҷм, вазну ќофияи ғазал ў давомдиҳандаи анъанаи устодони пешина аст. Мавзуъҳои асосии ғазалиёти шоир иборат аз тасвири ишќ, танќиди сохти замонӣ ва масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, васфи зебогиҳои табиат, маю майгусорӣ, гуманизм, танќиди зоҳидон ва амсоли онҳо мебошад.

Қисми асосии ғазалиёти шоирро мавзўи ишќ дар бар мегирад, ки ин ҳолатро ҳамчун як ќонуни муайяни адабӣ дар фаъолияти аксар шоирони ғазалсаро мушоҳида кардан мумкин аст.

Чунон ки дар боло дидем, лирикаи Наќибхони Туғрал аз ҷиҳати жанр дар бобати мазмуну мундариҷаи ғоявӣгуногунранг мебошад. Азбаски муайян кардани хусусиятҳои жанри вамасъалаҳои ғоявии эҷодиёти ў аз доираи як рисолаи дипломӣберун аст, бинобар ин, мо дар боби оянда масъалаҳои ғоявиилирикии шоирро мухтасар дида мебароем.

**Б О Б И I I I**

ТАХЛИЛИ ТОЯВИЮ БАДЕИИ ЛИРИКАИ ТУҒРАЛ.

Эҷодиёти Туғрал аз лирика иборат аст. Наќибхон Туғрал аксар ваќт ба лирикаи ишќи таваҷҷуњи махсус дорад.Ишќу муњаббат дар ашъори шоир мавќеи асосӣ дорад. Эњсоси ишќу муњаббат, садоќату вафодорӣ,васфи зебоӣ ва дилрабогии ошиќ дар ашъори лирикии шоир тараннум карда шудаанд. Дар онњо образиќањрамонњои ишќии романтики-Лайлию Маҷнун, Фарњоду Ширин, Юсуфу Зулайхо ва ғайрањо бештар ба назар иерасанд, ки шоир ин образњоро барои ифодаи эњсосоти руњии ошиќ ва пурќувват намудани маќсаду мароми худ кор бурдааст. Чунончи:

Гар най булбул, туро аз суњбати гулњо чи хаз?
Нести Маҷнун туро аз мењнати Лайло чи хаз?
Ғута дар бањри хичолат зан,гухар мебоядат,
Мурғи хокиро зи мавҷи софии дарё чи хаз!

Ё худ:

Баски дар куњи бало њамчанги фарњодем мо,
Шишаи ҷамъияти хайли паризодем мо.^

Дигар:

Ба ғайр аз нола,кай хезад дигар дуд аз сипанди мо, Лаби
Ширин чу Хусрав сарнавишти хонаи мошуд.

Лирикаи ишќии шоир пурпечутоб аст ва он ба њаёт ва хуррамињои воќеӣ пайваст мебошад:

Маро шурест бар сараз ғами дил,
Намедонам кунун бешу ками дил.............
Яке имрӯз бо мосайри дил кун,
Ки дорад оламе ин олами дил[1].

**1.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.сах.14**

Барафшон донаи кишти муродат,
Шавад сарсабзу хуррам аз нами дил.
Дили худро ба мењри дил ќавӣ кун,
Ки бошад иќду Парвин шабнами дил.
Хирад бар чарх месояд аламро,
Ливояш гар бувад аз парчани дил,
Дар ин мењнатсаро имрўз, Туғрал,
Намеёбам касеро њамдами, дил[1].

Муносибати эҷодии шоир бағазалсароёни номи пайваста аст. Ў дар ашъори худ аз камолоти мањорати суханвариаш як дараҷа бологири намуда,алоќамандона ашъори худро равнаќу ривоҷ, додааст, ки ин фикрро аз порчаи зерин равшан карда метавонем:

Баски дар куњи бало њамсанги Фарњодем мо,
Шишаи ҷамъияти њайли паризодем мо.
Касри бунёди дили мо лоиќи таъмир нест,
Мањзани ганҷему аз вайрони ободем мо,
Он ќадар сарто сари по савти фироќаш хондаем,
Пой то сарњамчу тори сози фарёдем мо.
Оби теғашро агар ин аст чун оташ асар,
Оќибат њамчун ғубори хок бар бодем мо ...............
Гар нахондастем з-он хирад њарфе, вале
Дар дабистон чунун сармашќи устодем мо.
Нест мазмуне за ќуллоби каманди мо бурун,
Дар паи сайди маони баски сайёдем мо.
Нахли уро дар чаман дидем хар су ҷилвагар,
Њамчу ќумри пойбанди сари озодем мо.

Ба њамин мазмун боз дар ҷоидигар гуфтааст:

**16.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.17**

Шури дарёи муњаббат мавќе аз оби ман аст,

Барќи шамшери њаводис ламъаи тоби ман аст.

Нардадори сози ќонуни баму зери ғамам,

Нағмаи ушшоќ, аз оњанги мизроби ман аст.

Чунонкинамоёнаст,Туғралтаќлидкунандаиназмипешинаимост.Лекининмаън оионронадорад,киўашъорашротанњобапайравиюмуќаллидиишоирониномии ғазалсаропайвастабошад.

Дар як ќатор шеърњои шоир мо ғояњоипешќадаму мустаќилеро дучор мекунем,ки мувофиќи саликаи хоси эҷодии ў ифода ёфтаанд.

Ин њолатро аз порчањои зерин боз бештар мушоњида кардан мумкин аст:

Зи ораз бурщаъ афкандӣ,кушудӣрўи зеборо,

Зи барќи рух задӣ оташ бисоти хирмани моро.

Сафед аз интизори маќдамат шуд чашми уммедам,

Хушо рузе,ки њамчун нур бар чашмаю нињи поро.

Шудам чун лола аз дори фироќат борњо ахгар,

Нињодӣ бар дилам боридори дигар сувайдоро...

Нишони њастии мо мањзи имкон аст дар олам,

Њавас дорӣ,зи мо мекун суроғи номи анкоро.

Дар ҷои дигар мехонем:

Субњи содиќ аз тулўи маъниям огоњ буд,

Бар мубораkбоди табъам мењрҷои мо буд.

Назми ширинам агар килки Аторуд менавшит,

Дасти Ноњад аз тараннум як ќалам кўтоњ буд.

Марями фикрам Масењ аз айни маъни зодааст,

Наќди ашъорам нахустин Муштари дилхоњ буд.

Кори сад Бањром хоњам кард бо теғи забон,

З-он ки аз њалли нуќоти ман Зуњал дар оњ буд[1].

Дар камоли маъни `р авҷи маъни Туғралам,

Ин њама софи ба асли гавњарам њамроњбуд.

Дар ин ғазал гузориши масъала як кадар ғайримуќаррарӣ ва берун аз анъана ба назар намояднљам, он дорои лиризми олӣ аст. Мо њис менамоем,ки шоир дар ин ҷохудро таърифу тавсиф кардани нест, балки ў мавќеи ба назар намоёни назмро дар њаёти ҷамъиятӣ нишон доданист. "Субњи содиќ азтулўи маъниям огоњ буд" гуфтани ў як навъ ишораест аз мавќеи назм дар муњити адабии замони зиндагии адиб.

Мавзўи асосии эҷодиёти шоир,чунон ки дар боло ишора кардем, инъикоси ишќ аст. Чунончӣ,худи шоир аз ишќу муњаббат иборат будани мавзўи ќисми зиёди ғазалњояш гуфтааст:

Агар сад роњ китоби ишќро хони,намеёбӣ,

Ба ҷуз шарњи ҷунун аз нусхаи девони аъмолам.

Ғамзадагӣ ва дардмандии шоир ба воситаи ғазалњои ширини ишќии ў ифода ёфтааст. Дартањтиохунолањои ҷонсузи ошиќи вазъияти руњии шоир намудор мегардад. Шоир ба воситаи тасвири ањволи ошиќона аз муњити тираи замонаат то чи андоза ба душворињои зиндагӣ гирифтор шудани худро маънидод менамояд.

Дар ашъори лирикии Туғрал, ба ғайр аз инъикоси эњсоси баланди ошиќона, муњаббату вафодорӣ садоќат васфи маъшуќа, зебоињои мафтункунандаи вай дар зери лиризми баланди ишќӣ пай дар пай дучор меоянд. Шоир ба шахс,ба инсон саъю кўшиш ва орзуњои некро хоњон аст:

Яксар шарори ишќаму оњам забона аст,

Оинадори дардаму њайрат бањона аст.

Хирман кунед донаи ҷавњар зи ашкиман.

Дар њар тараф селу сиришкам равона аст.

Эй нохудо, ту лангари кишти зи сабр кун.
Баҳри муҳити ишқ аҷаб бекарона аст.
Мо ошиқему шуҳраи офок гаштаем,
Аз мо басе ба олами инсон фасона аст.
Набвад ба сози пардаи ушшоқ зеру бам,
Оҳанги сози нағмаи мо з-ин тарона аст.
Ҳайронам аз хаданги камони расоиӯ,
Ҳар ҷо дилест, тири ғаматро нишона аст.
Ашке,ки мечакад ба роҳи интизори ӯ,
Дар киштизори муҳраи уммед дона аст.
Туғрал, гузаштаи зи таманнои касру чоҳ,
Боми фалак, ки бар сари мо сақфи хона аст[1].

Мисраъҳои "Оинадори дардаму ҳайрат баҳона аст" ва "Баҳри муҳити ишқ аҷаб бекарона аст" тасдиқи онанд,ки мавзӯи ишқ дар ғазалиёти шоир пурпечутоб аст. Тасвири ҳасби ҳол ва ҳодисоти ҷамъияти пешина на танҳо барои Туғрал,балки барои бисёр намояндагони муътабари адабиёти гузашта хос буд.

Нақибхони Туғрал чунон ки ишора карда будем,аксар вақт ба лирикаи ишқи таваҷҷӯҳи махсус дорад ва дар ин бобат ба шоирони намоёни адабиёти классикии мо-Саъдӣ,Сайидо, Камол,Бедил,Нозимӣ, Хиравӣ,Шамсиддини Шоҳин,Гулшанӣ,Анварӣ ва амсоли инҳо пайравӣ кардааст. Масалан,шоир Абдулқодири Бедилро яке аз сухансароёни барҷастатарин дониста, ӯро дар яке аз ғазалҳояш чунин васф намудааст:

Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,
Набошад ҳеҷ касро ҷои Бедил!
Намоям тутиёи дидаи хеш.
Агар ёбам ғубори пои Бедил.

1.Туғрали Аҳрори.Мунтахаботи ашъор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ19

Надидам аз сухангӯёни олам,

Касеро дарҷаҳон ҳамтои Бедил,

Агар куҳ аст,бошад Тури Сино

В-агар дарё бувад,дарёи Бедил…..

Кабои атласи нӯҳчархи гардун

Бувад кутоҳ бар болои Бедил !

Ба рифъат бартар аст аз кӯҳ Туғрал,

Ҷаноби ҳазрати Мирзои Бедил[1].

Ҳаминро ҳам хотирнишон кардан лозим аст,ки фаҳмидани эҷодиёти Мирзо Абуқодири Бедил ва пайравӣ кардан ба ӯ кори ҳар як шоир набуд.Ин корро метавонист шоире кунад,ки соҳиби маҳорати баланди адабӣ ва дониши васеъ бошад. Нақибхони Туғрал аз ҷумлаи он адибонест,ки дар пайравии худ ба эҷодиёти Бедил каму беш бошад ҳам, муваффақшуда тавонистааст ва аз ин ҷиҳатдар байни адибони Самарқанду Ӯротеппа,Хуҷанду водии Зарафшон ва ғайраҳо ба эҳтироми махсус соҳиб гаштааст.

Ба ғайр аз ин Туғрал дар якчанд ғазалҳояш адиби намоёни ҳамдавру ҳамзамони худ Шамсуддини Шоҳинро васф намуда, нисбат ба ӯ эҳтироми шогирдӣ изҳор намуддаст. Чунончи:

Аз он гардидаам дар авҷи дониш Туғрали маъниӣ,

Ба қайди лафзи нозук баски Шоҳин буд сайёдам[2].

Илова бар ин Туғрал суханони гилаомезе дорад,ки гӯёӯ Шоҳинро ба Самарқанд таклиф намудааст,аммо Шоҳин,бар хилофи ваъдаи худ ба Самарқанд наомада будааст. Дар ҳақиқат,ба гуфтаи С.Айнӣ "Туғрал ба Шоҳин мусоҳиб шуда ва худро аз шогирдони ӯ мешуморад. Вале маълум нест,ки бакадом сабаб Шоҳин ба қавли худ вафо накардааст.

**1.Ҳамон асар.саҳ.181.**

**1.Коллектив.Гулшани адаб, ҷилди 5. -Душанбе: Ирфон, 1980,саҳ.43**

Туғрал ба ин сабаб ғазали гилаомезе навиштааст:

Он рўз ваъдаи ту саромад,наёмадӣ,
Нахли умед бо самар омад, наёмад,
Гуфтӣ,ки меравам ба Самарќанд назди ту,
Билло,мањалли найшакар омад,наёмадӣ,
Дар интизори ваъдаат андар рањи Бухор,
Мадди нигоњ зи дида баромад,наёмадӣ.
Бањри нисори маќдамат, эй гулшани сухан,
Ҷон аз тани фусурда баромад,наёмадӣ[1].

Чунон ки аз ғазал намудор аст,Туғрал ба эҷодиёти Шоњин рағбати калон дошта,нисбат ба ў шогирд ва ќадршоноси њаќиќӣ будааст.

Њаёти вазнини кўњистон,ғаму ғусса ва азобњои рўњии шоир ба инкишофиғ оявии эҷодиёти ўтаъсири бузурге расонидааст.

Дар ашъори ишќии шоир пеш аз њама ишќи поки инсонӣ ва вобаста ба он вафодори њаќиќӣ будан равшан садо медињад:

Њаловат дар дилам аз ишќи ҷонон,
Зи васлаш гаштаам чун ғунча хандон.
Ба сараз ишќи ў сад шўру ғавғо.
Ба дил аз мењриў сиррест пинњон................
Бувад аз њанҷари мижгони нозаш
Њазорон рахна андар дину имон.
Чи хуш бошад,шавад васлаш муяссар,
Суханњо гўям аз њар боб чандон.
Ибо нокарда аз лаълаш ситонам,
Иҷозат гар дињад бусе ба дандон.

Наям аз ошиќони бемурувват,

Ки рубам хоки роњашро ба мижгон.

**1.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.25**

Мабо хоре андар рањгузораш

Зи мижгон афтаду набвад адаб он.

Занам обе ба роњиў зи дида,

Ки биншинад зи по гардаш бад-ин сон.

Ғуломи њалќабаргўш аст Туғрал,

Биҷўяд васли ҷонон аз дилу ҷон[1].

Њамон тавре ки намоён аст, дар ин ғазал васфимаъшуќа баён шуда, шоир онро на ба ифодањои мураккаби абстракти,балки соддаву равшан ва бо калимаву иборањои маъмули халќӣба вуҷуд овардааст,ки фањмидани мазмуни ғоявии он ягон душвориро ба миён намеоварад.Масалан:ифодањои "васли ҷонон","ғунчаи хандон", "ханҷари мижгон" ва ғайрањо ифодањоеанд,ки њануз аз осори классикон ба мо маълуму машњуранд ва дар бештарин достонњои ишќии лирикӣ мавҷуд будаанд. Дар лирикаи ишќии шоир мо,ба ғайр аз ин,иборањои "ғами ишќ", "сулуки ишќ","дардманди ишќ”, "маризи ишќ","марњами дил","шабнами дил","бори ишќӣ", "оташи ишќ”,ва ғайрањоро мебинем,ки онњо хеле устокорона,бамаврид ва бо маќсади муайян истеъмол ёфтаанд.

Туғрал хушбахтии њаёти худро дар як дами бо маъшуќа будан мебинад. Ишќро воситаи муњими хушбахткунандаи инсон мешуморад ва роњу равиши онро дигар кардан намехоњад.Ўаз ишќ халосӣ намеёбад ва њаёти худро мехоњад ќурбони он созад. Бароиў, бағайр аз васли маъшуќа, дигар чизе авлотар нест. Чунончи, худ мегўяд:

Гирифтори каманди он њама зулфи баногушам,

Хубобосо ба савдои хаёлаш хонабардушам!

Намехоњам бағайр аз давлати дидори васли ў,

Агар фарзанди хуршеди фалак ояд дар оғушам.

Маро аз зиндаги бењтар ки мурдан дар таманнояш,

Агар дар ҷоми Ҷам оби њаёт ояд, наменушам[1].

**16.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашъор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.41**

Туғрал шоири зиндадил аст. Бењуда нест,ки ўњоло њам дар байни мардум бо номи "шоири ширинзабон" вирди забон гаштааст. Ў багулу гулзор ќалами худро нигаронида, як навъ ширинкаломиашро намоиш медињад. Мулоњизањое,ки дар ашъораш ифода ёфтааст, ба њиссиёти инсони равшание зоњир менамоянд. Шоир ба њамин минвол ба маъшуќа ишора кардя мегўяд:

Аз рухат оина то лаззати дидор гирифт,

В-аз нигоњи дигарон ҷониби худ ор гирифт,

Хоки рањ аз ќадамат рутбаи гулзор гирифт,

Аз ту гулњои чаман зиннати дастор гирифт,

Ман чи гуфтам,ки дили нозукат озор гирифт,

Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт[1].

Чунон ки дида мешавад, дар порчаи боло ба як усули хоси шоирона гулу гулистон устокорона тасвир ёфтааст. Гуфтан ҷоиз аст,ки њамин ќисмати эҷодиёти шоир ўро аз пайравони мураккабнависи Бедил фарќ кунонида меистад.

Дар эҷодиёти Туғрал лирикаи ишќӣ бофасењи, муъҷазбаёнӣ ва бо таровати худ характернок аст. Фикрњои шоир дар ашъораш ба тариќи таслсул /пайвастагии байнињам /баён шудааст.

Чунончӣ, ин њолатро аз шеъри зерин мушоњида кардан мумкин аст:

Парешон чаъди сунбул аз сари зулфи сумансоят,

Кушода ғунча аз хандидани лаъли шакарњоят.

Бувад назора чун оина лаззатгири дидорат,
Саропо дидаи наргис бувад мањви тамошоят.
Бањористони гулзори ҷамолат оламе дорад,
Саре ку, то бувад холи зи савдои таманноят?![2]

**1.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.40**
**2.Ҳамон асар.саҳ.42**

Хотирнишон бояд намуд, ки шоир ба мусиќии классикии мо рағбату дилбастагиинамоёне дорад. Аксар ғазалњои вай дар замони зиндагиаш ва баъд аз он осори бузургтарини мусиќии классикии мардуми Шарќ- "Шашмаќом" дохил шудаанд. Бисёр ғазалњои Туғралро мардум бо оњангњои халќи месуруданд ва месароянд. Њатто худи шоир хеле шодмонӣ мекунад ва дар баъзе ғазлњояш номњои навоњои намоёни классики, ба монади «Ушоќ», «Наво», «Шањноз» ва ғайрањоро ба забон меорад:

Мекунам наззора то бар рўи он танноз раќс,
Њамчу он тифле, ки дар гулшан кунад аз ноз раќс.
Дар хами зулфаш дилам имрўз мераќсод чунон,
Њамчун он гўё, созад пеши ҷавгон боз раќс…
Душ дар оњанги «Ушшоќ»аз «Наво» мекуфт по,
Мекунад он гулбадан имрўз дар «Шањноз» раќс.
Мутрибо, зеру бами ќонуни худро соз кун,
То насозад он пари дар анҷуман носоз раќс.
Ди-шабам як бор раќсидӣ, кунун, бањриХудо,
Бозраќсубозраќсубозраќсубозраќс,
Сирри ишќаш, Туғрал, аз тамкини дил пушида буд,
Баски мераќсад дилам, марсам,шавад ғаммоз раќс![1]

Бояд руфт,ки дар лирикаи ишќии Туғрал тасвирњои суфиёна низ мавҷуданд.Онњо вобоста ба олами ишќ баён шудаанд. Барои намуна порчаи зерро мисол овардан кифоя аст:

Фалак ситоракаши фоли эътибори ту нест,

Тараб баҳонагари ҷоми интизори ту нест,

Фурӯғи шӯълаи шавќат баланд шуд, лекин.

Чу лола як асари доғ аз шарори ту нест.

Сафед гашт туро дида аз сиёхбахти,

**1.Туғрали Аҳрори.Мунтахаботи ашъор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.44**

Ба ҳамин тариќ лирикаи ишќии Туғрал ќисми асосии эҷодиёти ӯ буда, сарто сари онро фароририфтааст.

Дар эҷодиёти Туғрал, дар баробари лирикаи ишќи,лирикаи иҷтимои-гражданӣ низ кам нест. Шоир ба одамон ва ба муҳити худ муносибати бепарвоёна надорад. Ӯ замони зиндагии худро хеле тира мепиндорад. Аз замони худ бо сӯзу гудоз шикоят мекунад. Доимо дрр шеърҳояш ғафлатписандӣ,ҷаҳолатпарастӣ,рафтори ношоистаи амалдорон ва давлатмандони худбину фиребгар ва золимро ба зери танкид мегирад. Ин мавзӯъҳо дар эҷодиёти шоир ќисми муҳимми фикрҳои иҷтимоӣ ва инсонпарварии ӯро ташкил додаанд.

Бояд ќайд намуд,ки дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX пешќадамтарин намояндагони адабиёт,аз ҷумла Нќибхони Туғрал, аксар фикрҳои иҷтимоӣ сузу гудоз, азобу уќубати мардуми ситамкашро ба воситаи лирика ифода менамуданд. Туғрал ба воситаи ашъори лирики норасоиҳои замон,беадолатӣ,молу чизпарастии синфҳои ҳукумронро зери танќид мегирад.

Дар аксари ғазалу мухаммасҳо ва дар "Соќинома"-ю "Фироќнома"-и ӯ ифодаи фикрҳои зидизамони ва тарғиби роли адолатхоҳӣ намоён аст.Дар ашъори Туғрал шикоят аз паст будани илму дониш дар замони ӯ, зулму золимии аҳли сарват нисбат ба аҳли илму адаб бо обуранги нав ва мазмуни тоза садо медиҳад. Вай замони феодалиро танќид намуда, дар он хору забун будани аҳли илму фазлро мебинад. Чунончи, ин мазмунро аз порчаи зерин равшан мушоҳида кардан мумкин аст:

Шабнами арзи адаб аз чашми њайрон рехта
Донаи уммедро чун мењр яксон рехтанд.
Њар ки шуд њамчун садаф дар саъйи сомони амал,
Оќибат андар дањонам оби найсон рехтанд.
Аз вуҷуди хеш дорам гармии мењри адам.

**1.Коллектив.Гулшани адаб, ҷилди 5. -Душанбе: Ирфон, 1980,саҳ.54**

Шабнами моро чи сон дар боғи имкон рехтанд?
Мањзани ганҷи ќаноат баски беибром буд,
Обруи хеш охир ин гадоён рехтанд
Обру хоњи, нишин дар хилвати ҷайби адаб,
Оби гавњарро ба домон аз гиребон рехтанд
Гарчи дар мулки сухан ман Туғрали Ањрориям,
Лек ҷоми ќисматам аз хоки Турон рехтанд[1].

Туғрал, чунон ки мебинем, аз хор будани ањли илму адаби замона хабар дода, дар мисраи "Обру хоњи,нишин дар хилвати ҷайби адаб" махсус таъкид намудааст,ки илму адаб,фозилию донишмандӣ ва хоксорию одамдӯсти њеҷ ваќт дар ягон давру замон ќимати худашро гум намекунад ва њама ваќт њамдаму њампешаи одамони фозил аст.

Шоир замонаи худро пур аз ғаму андӯњ дида,нисбат ба он эътироз баён мекунад. Ғазалњои иҷтимоии шоир дорои фикрњои фалсафӣ низмебошанд. Туғрал оламеро тасвир кардааст,ки олами реалии њаёт буда, сарчашмаи асосии зиндагист.Барои далели фикр шеъри зеринро нишон додан мумкин аст:

Баски дар касри ҷањон ободи аз меъмор нест,
Ҷуз фано дар хонаи њасти дигар девор нест!
Оламе саргарми савдои хаёли оламанд,
Њеҷ кас аз доми ғафлат як даме бедор нест!...
Орзуи мењри атлас дар дили мо кай бувад,

Фарши мо,афтодагон, ҷуз сояи девор нест!

Наќди дўкони хамушон мархами захми дил аст.

Дар шикасти муи чини мумиё даркор нест[2].

Дар баъзе ғазалњои шоир ноумедӣ аз њаёту зиндагӣ, шикоят аз даври фалак ва монанди инњо ба назар намоён мегардад. Чунончи:

Оњ аз даври фалак, як лањза ба комам нашуд,

Қуръаи фоли тараб як бор бар номам нашуд.

**16.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.49**

Дар њавои васли матлаб кардам аз ором рам,

Њеҷ амре муҷиби таскини оромам нашуд.

Сухтам дар оташи њасрат чу њинду борњо,

Холи њиндуӣ бутон аз бахти бад ромам нашуд[1].

Дар лирикаи иҷтимоии шоир тасвири ин гуна њолатњои ногувор,ҷињатњои нафратовари њаёти онваќта зиёд аст.Њаминро њам бояд ќайд кард,ки шоир дар як ќисми муайян ашъораш аз дунёи њастӣ дасту дил шуста,баъзан эътиќодманди аќидањои динӣ мегардад. Н.Маъсумӣ дар ин бора чунин гуфтааст:"Шикоятипурдарду алам, вале оҷизонаи шоир боз њам равшантар њискарда мешавад. Шоир аз рўи анъана аз хусуси ишќ сухан сармекунад, аммо дар њаќиќат мо хулосањои ўро доир ба бешавќатииодамон дар он замона бењосилии кўшишњои накукорӣ ва ранҷидахотирии худи ў мебинем.

Дурустии ин гуфтањоро аз порчаи зерин равшан мушоњида кардан мумкин аст:

Қомате дар зери бори ишќњам дорем мо,

Нағмае аз сози дил бе зеру бам дорем мо,

Хоксорӣ нест кам аз дастгоњи эътибор,

Бурёи фаќрњамчун тахти Ҷам дорем мо.

Аз вуҷуди мо,ки имкон нанг дорад дам ба дам,

Њастии оғозу анҷоми адам дорем мо

Гар њамин бошад сулуки шеваи ињвони дањр,

Кай умед аз лутфу њолу мењри ам дорем мо.

Муддаои коми мо њосил нашуд аз њеҷ кас.

Њамчу Маҷнун оќибат аз халќ рам дорем мо.

Сар назад бо номи мо як ахтар аз бурҷи шараф,

Толее-з-иќболи худ бисёр кам дорем мо[2].

Чунон ки маълум шуд, ќисми асосии фаъолияти эҷодии шоир дар

**1.Коллектив.Гулшани адаб, чилди 5. -Душанбе: Ирфон, 1980,саҳ.77**
**2.Туғрали Ањрори. Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.54**

давраи замони пурошўби амирӣ гузаштааст ва ин њолат ба мазмуни ғоявии ашъори ўнаќши муайяне дорад. Дар њаќиќат Туғрал ба муњит ва одамони он муносибати бепарвоёна надорад. Вай њолати тираи онрўзаи зиндагиро,ки њаётро аз карру фари давлатдори ва худсарию худбинӣ иборат медонистанд,ба ќалам дода,танќиди нуќсонњои ҷамъиятро ба тариќи лиризми олӣ нишон додааст, ки ба њам фањмо ва равшан мебошад.Масалан, ашъори поёниро дида мебароем:

Эй фалак, дод аз ҷафоят,бар чӣњолат кардаӣ?!

Рост будам чун “алиф˝,монанди "дол"-ам кардаи!

Охир,эй гардун,зади санги маломат бар сарам,

Зери пои бешуурон поймолам кардаи!

Аз чӣрў,эй чарх,чун ман эътиборат дун бод!

Ҷуръаи беэътиборињо ба фолам кардаӣ?!

Оќибат кори ту гар ин буд, эй гардуни дун,

Аз чи дар рўзи азал ќисмат камолам кардаӣ?!

Эй сипењри бемурувват, ин кадомин шова аст,

Нола месозам зи дастат,то чу нолам кардаӣ!

Буд дар оинаи ман акси сад маъни дучор.

Занги рам бар рўи миръоти хаёлам кардаӣ!

Њамдамонам нокасони гулу аз дониш тињӣ,

Сўњбати донишварон амри махолам кардаӣ!

Дар њавои мушикофи Туғралам пар мезанад.

То ту,эй гардун,маро дур аз висолам кардаӣ[1]!

Шоир бо сўзу гудоз дар бораи олами феодалӣ,кацрафгории мансабдорони риёкор, цањолатпарастӣ ва беэътиноиву бепарвогӣ нисбат ба илму дониш шеърњо навиштааст.

Туғрал ашъорињацвӣ низ дорад. Дар порчањои ашъори хацвии бокимондаи ў оњангњои зиддифеодалӣ баланд садо медињад. Масалан: њацвияе,ки нисбат ба Мирзо Масењ гуфта шудааст ва оњанги халки

**1.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.сах.53**

дорад, исботи фикри боло шуда метавонад:

Шунав аз ман њикоят аз Масењи....фурушинки,

Масењи....аблањи беаклу хушинки.

Хасиси њар каси беошу ноне нест мисли ў,

Ийл унуч ой табоку косаю асбоби бушинки....

Қаламдонаш оиринчи,нархи у дањ танга,мегўяд:

Узум юз сум олибман,бу наламдон дур кумушинки....

Гирифтам пойгањ дањ бор,мегўяд бад-ин аспам,

Губурнотур ба ман гуфтанд: “Лошинки харушинки”!

Чи мепурсӣзи ањволи гилему бистари хобаш.

Нишини,пур шавад бар цомаат кайку шабушинки[1]

Устодии Туғрал дар шеъри боло аз он иборат аст,ки аз имкониятзњои се забон: русӣ,тоцикӣ ва ўзбекӣ истифода бурда,дар зери ифодањои њацвомез ва ба воситаи образи Масењ иллатњои шахсони соњибмансаби замонашро зери танкид гирифтаас?.

Ба ғайр аз ин,њангоми мусоњиб шудан бо Ш.Мањаммадшоев доир бацацвиёти шоир чунин ахбор гирифта шуд: "Рузе Накибхони Туғрал ба Самарканд меравад ва мебинад,ки Хол Муъмин ном шахе худро тавсифу таъриф намуда, ба ањли цамоа мегуфт:

Қаламам сафњаро кунад рангин,

Шоири аср Холино Муъмин.

Туғрал ба ин мисраъ зуд њозирҷавобӣ карда,ба ањли ҷамоа чунин мегӯяд:

Қаламат сафњаро кунад чиркин,

Аблањи вақт Холи номуъмин."

Ё дигар:"Рӯзе валастнои Чуй Девона шуњрати Туғралро шунида, бо шоир мефармояд,ки дар њаққи ӯ шеъре гӯяд. Туғрал чунин шеърро ба вай пешкаш менамояд:

**1.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.32**

Эй валастнои Чуй Девона,

Дар дабат…..хои њайвонам"...

Ба њамин тариқ, чунон ки дида шуд, мозњияти лирикаи иҷтимоӣ-гражданииТуғралро ду хатти ғоявии ба њам зид ташкил медињад. Аз як тараф, шоир дар "олами дунё" ба ақидаи динию тасаввуфи дучор шуда, аз дунёи њасти дасту дил мешӯяд ва ақидањои диниро эътироф мекунад:

Бењ нагардад фоли иқболи вай аз бурҷи шараф,

Њар киро рӯзи азал манњус бошад ахтараш.

Аз тарафи дигар,дар шахсияти Туғрал,чунон ки Н.Маъсумӣ нишон медињад, мо шахси эътирозкореро мебинем,ки аз беадолати,вайроннию носозкорӣ,бемурувватӣ ва зиддиятњои њалокатпарварӣҷамъияти синфӣ шикоят мекунад ва ба таври ғайрифаъол бошад њам, мудобила нишон медињад, ба қадри њоли худ мардумро ба бедории шуур, адолатхоњӣ ва нафрат ба ҷањолатпешагони гурусначашм даъват менамояд:

То қазо зад хаймаи њастӣ дар ин нили бисот,

Шањдиҷоми айшро бо зањри нам кард ихтилот.

Роњате набвад ба кас дар мењнатободӣ ҷањон,

Ҷои осоиш набошад сањму боми ин работ,

Фурсати фардо аз девони азал н-омадтуро,

Метавони,кун ту кори хеш имрӯз эњтиёт....[1]

Золи дунёро,ки мардум се талоќаш додаанд,

Ғарраи макраш нашав, бини ба гӯши ӯ курот.

Ба гайр аз ин, дар лирикаи Туғрал васфи манзарањои табиат, фаслњои сол, махсусан фасли бањор бо тамоми гулу гулзорњояш бо эњсоси баланд баён карда шудааст.

Шоир таассуроти худро нисбат ба табиат махсусан дар ғазалу ќасидњояш ифода кардааст, Дар ќасоиди ӯ ин мавзӯъ аз мавзӯъњои марказиро ташкил додааст.

**1.Ҳамон асар.саҳ.55**

Туғрал нахустин муждаи табиат-айёми бањорро васф намуда, чунин менависад:

Баски андар боғ аз ҷаннат, асар дорад бањор.

Ҷомае њамчун пари тути ба бар дорад бањор.

Дам ба дам оинасон дар иштарободи чаман

Шоњиди гулњои рангин ҷилвагар дорад бањор.

Он ќадар дар бори имкон карда сомони карам,

Шохи њар нахле,ки бини, пурсамар дорад базњор.

Аз имои шӯълаи њар сафњаи гул равшан аст,

Баски аз эъҷози ёќути хабар дорад базњор.

Баъд аз ин, шоир вобаста ба тасвири муждаи навбањор дар насиби ќасида шукуфтани гулу лола, суману сумбулу наргис, навозњои андалеб ва афрохтани сарвро ќаламдод менамояд:

Соќи,ба фасли рабеъ бодаи гулгун бисёр!

Чанд тарофул куни!-мегузарад навбазњор!

Нест туро аз ҷазо хатти амони ба умр

Гардиши гардуни дун њаст басе бемадор!

Ёсуману настарин раста ба сањни чаман,

Карда ба саҳро ватан лола дили дардор.

Боди сабо то вазид,ғунча дам аз ханда хад.

Булбул аз ин хандааш гиря кунад зор-зор

Ғозагари субҳ зад шона ба зулфи суман,

Гесуи сунбул ба бор гашта аз у тор-тор[1].

Шоир аз омадани фасли баҳор масрур гашта зебогиҳои диёри худ ва кӯҳҳои сарбаланди махмалинашро бо садои булбулу овози кабк тасвир мекунад.

Қумрию кабку тазарв,фохтаву андалеб

Наяҳа ба ини худ карда сараз ҳар канор

**1.Туғрали Аҳрори.Мунтахаботи ашъор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.41**

Муғбачаи бодануш,аз чи нишини хамӯш?

Мавсими гул даррасид,ваҳ чи хуш аст,сабзазор.

Аз фаро расидани айёми баҳор шодмонии шоир ва фараҳмандии ӯ канор надорад. Вай ба боғу чаман,гулу лола,сабзаву себарга ҳамчун воситаи шодиву сурур муносибат дорад ва онҳоро ба сифати образҳои бадеӣ бо маҳорати баланди шоирона васф менамояд. Субҳи рӯзи навбаҳорро бе ҷоми май ҳайф дониста,сипас, мегӯяд:

Соќиё, лабрез кун паймона,омад навбаҳор!

Май хуш аст он ҷо,ки бошад хоса андар сабзазор.

Мужда эй соќи,кидомодитараб,дар боғ шуд,

Наварӯси бодаро аз пардаи иффат барор!

Ғунча хандид аз насими субҳ дар тарфи чаман,

Лола бо дори тараб биншаст андар куҳсор!

Андалеб орост оҳанге зи девони висол.

Аз фурӯғи руи гул гардид гулшан пуршарор.

Меваи шодӣба бор оварда гулзори тараб.

Шохи ҳар нахле дусад гул,ҳар гулеро сад ҳазор?

Сатњғубро чун пари тути саросар сабз шуд,

Соќӣ,дар ҷоми зумррад бодаи гулгун биёр![1]

Шоир резиши борони бањориро ба ќалам дода,абри бањориро њамчун ян намуди бањоронаи зиндагӣ ва ба вуҷудоварандаи субњи софу беғубори њаёт медонад;

Субњи боғ андӯхт фарроши сабо,дар субњидам,

То нишинад гард аз по,гиря зад абри бањор!

Дар аксари ғазалу ќасидањо ва дар "Соќинома"-и худ Туғрал пайваста ба расидани фасли бањор,иди Наврӯзро бо ифодањои гуногун наврӯз,

**16.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.47**

навбањор, рӯзи нав,фасли наврӯз,боди сабо ва ғайрањо бо тамоми хусусиятњояш пеши назар меоварад.Масалан:

Дорад чаман зи равнаќи фасли бањор ранг,

Њар барги гул гирифта магар аз њазор ранг.

Имрӯз дар бисоти гулистон ба фарши ноз

Хобидааст шањди гул дар канор ранг

Дорад ба боғ азми сафар корвони гул,

Гӯё,ки меравад зи паи навбањор ранг....*'

Ё худ, дар ҷои дигар:

Биё соќию, фасли наврӯз шуд,

Гули боғ зи ту дилафрӯз шуд!

Қадањ гир ба дасти байзаи худ,

Тунук зарфи майхора кун озмуд.

Шоир аз таровати табиат бањраманд шуда, њатто ишќе,ки тамоми њастиашро ба ӯ бахшида буд, ба гулњои чаман њамовоз медонад.Чунончи,ин

гуна тасвир дар яке аз мухаммасњои ў равшан ба мушоњида мерасад:

Сунбул аз зулфи ҷилопоят парешонњол шуд,
Савсан аз тарзи адоят мањв гашту лол шуд,
Аз такаллум карданат тунги шакар помол шуд,
Дар чаман,эй шух афканди ту ошуби дигар![1]

Вобаста ба ин дар баъзе ғазалњои шоир фасли бањор чун воситаи як дам таскиндињандаи дили пур аз ғаму андуњ ба назар мерасад. Туғрал аз фарорасии бањор шодмони карда, пайваста ба ин маъшуќаи худ ва хислатњои дилрабои ўро таърифу тавсиф мекунад:

Эй бањори ноз, бањри зиннати гулњо биё!
Сайри дарёорзу дорӣ,ба чашми мо биё!

Кардаам дур аз рухат тамњиди сомони ҷунун,
Эй њувайдои диламро дорёи савдо биё!
Аз вафо дорем њар дам орзуи маќдамат,
Њарбуни ту чашми уммедест, суи мо биё![1]

Дар ин гуна ғазалњои шоир ду тарафи хусусияти эҷодии шоир намудор аст,ки ашъори ўро бою рангин сохта,мањорати баланди суханварии шоиронаашро вонамуд месозад. Пеш аз њама, васфи табиат ва дар баробари он тасвири муносибатњои њаќиќии ошиќонаи шоир дар бисёр ғазалњои ў далели равшани ин фикр мебошад.Ба њамин тариќ, тараннуми хуррамињои табиат ва лавњањои гуногуни он,хушнудињои њаёти шахсӣ,бањор ва сарсабзии он дарлирикаи шоир содда,равон ва бо роли баланди афкор тасвир шудаанд. Аз ин ќисмати эҷодиёти Туғрал аён мегардад, ки ў табиат ва манзарањои дилфиреби онро бо як њиссёти гарму ҷушон ва муњаббати самими ба ќалам додааст.

Илова бар ин, боз яке аз масъалањои муњими ғоявӣ-мавзўи маю

майгусорӣ,ки дар эҷодиёти аксарияти шоирони гузашта ҷои намоёнро ишғол мекард, дар лирикаи Туғрал низ кам нест.Аз ранҷу уќубат,азобњои њиҷрони дилбар ва аз дарду алами дунё фориғ шудани Туғрал дар чанде аз ғазалњои ў васф карда мешавад. Шоир ба воситаи май онњоро муддате аз хотир баровардa, худро осудањол мепиндорад ва дар яке аз ќасидањояш,ки дар ҷавоби ќасидаи Њоким Коонии Шерозист, чунин мегўяд:

Соќӣ ќадањ лабрез кун, з-он май,ки турён парварад.

Масти фазояд, ғамбарад,шоди дињад,ҷон парварад!

Майхонаро дар боз кун,соғаркаши ораз кун,

Дилро ба май дамсоз кун,сад гуна илњом парварад

1. Коллектив.Гулшани адаб. ҷилди 5. -Душанбе: Ирфон, 1980,саҳ.98

Дар кишвари мулки бадан ҷуз май набошад тахмтан,

Дар ќатрааш дурри адан,сад ранги алвон парварад!

Хай май дењу хай май бикаш,хай май бихур,хай бода чаш.

Нўш аз май хуршедваш, обест, инсон парварад.

Туғрал дар њаќиќат шоири зиндадил аст.

Вай дар мавзўимай алоќамандона масъалањои гуногуни зиндагиро баён мекунад ва њама хурсандињои њаёташро вобаста бо май медонад.Васфи маю майгусорӣњамчун василаи хурсандибахш буда, ганимат донистани айёми зандагӣва сўњбатњои ширини њаётиро дар бар мегирад. Ягона роњи бартараф намудани рухи маъосию руњафтодагӣ ва сахтињои ҷараёни зиндагӣ дар "Соќинома”-и Туғрал", ки дар ҷавоби "Соќинома″-и Бедил гуфта шудааст, равшан акс ёфтааст:

Биё, соќӣ,эй офтобӣ карам,

Ки бе бода умрест дарди сарам!

На сандал ба дафъи хуморам давост,

Маро ҷуръаи май бех аз кимиёст!

Биё, соќӣ, эй ахтари шабфуруз,

Биё, эй рухат шамъи парвонасуд,

Биё, гирди сарат њамчу парвонаам,

Бидењ май, ки муштоќи паймонаам!....

Биё, соќи, дар рузгори ту ман

Надидам ба ҷуз дарду ранҷу мењан!

Дар ин арса умрест ғам мехурам,

Чу Бедил би сидќаш ќасам мехурам![1]

Чунон ки ќайд кардем, ин мавзўъ дар эҷодиёти Туғрал нав нест ва дар адабиёти пешинаи мо аз мавзўъњои асосӣ буд.

Коллектив.Гулшани адаб, ҷилди 5. -Душанбе: Ирфон, 1980,саҳ.68

Илова бар ин,дар эҷодиёти даврањои охирини Туғрал кўшиши ифода намудани ғоялњои маорифпарварӣ намудор аст.Вале асоси эҷодиёти шоирро равияи таќлид ба адабиёти классикӣ, такрори образњои пешинаи бадеӣ ва такрору якрангии ғояњо ташкил медињад. Дар ин гуна маврид омехтагии мазмуни њаётӣва руњонии ишќу дард дида мешавад, ки њатто худи шоирро ба доми худ мекашад. Дар эҷодиёти шоир њасрату надомат ва бевафогии дунё, азобу машаќќати њаёт ва њукмронии ҷамъияти мурдаистода, њунари суханварӣ, сўзу гудози ишќу ошиќӣ,гуманизм, ранҷуозори ағёр, таманное васл,тасвири ањволи бад, кайфияту њолатњои руњии худ, азоби хиҷрон, тасвири маъю майгусорӣвахуррамињоитабиат намудор аст.

Сарчашмаи асосии эҷодиёти шоир, чунон ки гуфта будем, назми классикии форсу тоҷик мебошад. Њарчанд аз ҷињати мундариҷаи ғоявӣ ва њам аз ҷињати санъати бадеӣ ба назми пешина пайравӣ кардани шоир намудор аст, вале ба дараҷаи он пурра расида натавонистаас. Сабаби

асосии он, пеш аз њама, ҷамъияти њукмрон ва муњити онрузаи шоир аст.

Ба ғайр аз ин,Н.Маъсумӣ чор омили асос, ки садди роњи эҷодии шоир шудаанд, нишон додааст.

Омили аввалини аќибмонии афкори ғоявӣ мебошад, ки ин ба ќисми зиёди зиёиёни замони Туғрал хос аст.

Омили дуюм дар аньанапарастии як гурўњ адибон,аз он ҷумлаТуғрал мебошад. Чунин анъанањои фарсудаи адабӣ дар мазмунберангӣ ва дар шакл якрангӣба вуҷуд овардаанд.

Омили сеюм иборат аз пайрави ва таќлидкории Туғрал аст. Ин масъала тазминбанди, назирагуи ва њамоњангии шоиронро дар бар мегирад, Туғрал бар ғазалњои Саъдӣ, Њофиз,Сайидо,Камол, Бедил,Нозими Хиравӣ, Шоњин, Гулшанӣ Бухоройва чанде дигарон мухаммас баста, дар њаќиќатњунарнамоии шоиронае кардааст. **1.Туғрали Ањрори.Мунтахаботи ашьор. -Дуашнбе; Ирфон,1964.саҳ.43**

Масалан, Туғрал ба ғазали Саъдӣ,ки чунин аст:

Эй сорбон, оњиста рон,к-ороми ҷонам меравад,
Он дил,ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад,
Душ ин ғазал дар гуши ман мегуфт дехќони сухан:
Назме, ки Саъдӣ гуфтааст, дорад "Гулистон" дар бағал[1].

Бояд ќайд намоем,ки таќлидкории Туғрал бо усули эҷодии Бедил пайваста аст. Ў аз шоирони баркамоли "мактаби адабии бедилӣ" аст,ки аз камоли ихлосманди ва эътиќоди баланд табъи худро дар асорати таќлиди Бедил андохта, дар аксарияти мавридњо инони ихтиёрро ба таъсири ин равияи услуби супорида буд.

То чӣ андоза ба аншори Бедил таќлид намудани Туғралро аз он пай бурдан мумкин аст,ки бар ғазали Бедил мухаммас бастааст, ба "Соќинома"-и ў бо "Соќинома”-ёҷавоб гуфтааст, ки ба ашъори анъанаи муњаррарии адабӣ ба њисоб гирифта мешавад.

Набояд фаромуш кард,ки Туғрал ва умуман њамаи пайравони сабки њиндӣ, ба монанди Зуфархон Ҷавњарӣ,Тамњид, Гулшанӣ ва ғайрањо, устоди худБедилро аз бузургтарин файласуфондониста, дар пайравии ӯ шеър гуфтанро шарафи кори эҷодӣ донистанд. Туғрал ба эҷодиёти Бедил аз њамин нуќтаи назар наздик шудааст?. Ин гуна муносибати Туғрал хусусан аз ғазалњои ҷавобияи вай ошкор аст. Ғазалњои шоир зоњиран ба аншъори Бедил монании дошта бошанд њам, ба назар мустаќил ва оригинали менамояна. Масалан, ғазали Бедил:

Кош як нам гардиши чашми таре медоштам,

То дар ин майхона ман њам соғаре медоштам,

Эътиборам ќатравоне сурати тамкин набаст,

Бањр мегаштам,гар оби гавњаре медоштам.

1.Коллектив.Гулшани адаб, ҷилди 5. -Душанбе: Ирфон, 1980,саҳ.76

Дил дар ин вайрона оғуши умеде во накард,

В-арна бо ин фаќр ман њам кишваре медоштам.

Шухии наззораам дар њасрати дидор сӯхт,

Кош як оина њайрат гавњаре медоштам.

Вусъати чун ғунча дар зиндони дилтанги фусур,

Гар зи болин мегузаштам,бистаре медоштам.

Суръати анҷоми кор оинадори кас мабод,

Ки димоғиноз,то карруфаре медоштам!

Бедил,аз табъи дурушт оинаам дар занг монд,

Об агар мегашт дил, равшангаре медоштам.

Ғазали Туғрал:

Кош дар базми адаб ман дилбаре медоштам,

Пеши худ монанди мино соғаре медоштам.

Роятам аз ишќи ў месуд сарандар фалак,

Гар зи наќши хоки пояш афсаре медоштам,

Сози ќонуни муњаббат пардаи ишќам дарид.

Кош менушидаму гуши каре медоштам.

Мешудам ман сарбаланди саҷдаи нози адаб,

Чун суроњи хутбаи беминбаре медоштам.

Сухтам парвонасон дар оташи доғи ғамаш,

Мепаридам суи болу паре медоштам.

Њамдами базми висолам, ҷуз ғами Лайли набуд,

Њамчу Маҷнун гар зи хоро бистаре медоштам....

Хаббазо аз мисраи Бедил, ки Туғрал гуфтааст,

Хок мекардам ба роњат,гар саре медоштам[1].

Нињоят, омили охиринин некбини дар њаќќи худ ва худнамоист,ки аксар ваќт шоирро аз ғояи сухан ва њуснӣмаъни дур месозад. Бар хилофи

хоксорию нуќтасанљи ва донишманд будани ў, хислатњои назарбаланди, њавобаланди ва худписанди дар ў низ љой дошт.

Чунон ки пештар хотирнишин намудем, Туғрал дар солњои охири фаъолияти эљодиаш аз равияи таќлиди бедилӣ даст кашида будааст, ў девони дуюми худро,ки ашъораш азсабки бедилӣ озод будааст ва асари ахлоќиаш "Боғистон" ро ба чоп омода намудааст.

Вале мо ин гуна фикрњои тахминиро тањо аз наќлу ривоятњо медонем, зеро он асарњо њоло ёфт нашудаанд.

Туғрал бо вуљуди кушиигњои сарбаётабаёниаш, яке аз пайравони содданависи усули бедили ба шумор меравад.Як ќисми эљодиёти Туғрал, хусусан эљрдиети солњои охири ў, ки дар онњо аз мураккабаёни дур шуда истодани шоир намудор аст, рангину дилкаш ва фањмою соддаанд. Дар онњо баъзан калимањои халќӣгуфтугўӣ дида мешавад,ки ин њолат хеле ғазалњои шоирро ба забони халќи бештар наздик гардонидааст. Барои тасдиќи фикр бо овардани як шеъри шоир иќтифо менамоем:

Њар кас ки рухи ту дид, љоно,

Ошиќба ту гашт он замоно.

Мурғи дили сад њазор ошиќ,

Дар ќайди ту шуд зи бањри доно.

Тири нигањат гузашт аз љон,

Абруи каљи ту чун камоно

**1.Туғрали Аҳрори.Мунтахаботи ашҳор. Ба чоп тайеркунанда ва муаллифи муќадиима Н.Маъсумй.- Дуашнбе; Ирфон,1964.**

## Хулоса

Лирикаи Туғрал,чунон ки дар боло мухтасар дида баромадем, мавзўъҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, ишќӣ,адлу адолат, васфи табиат, майлу майгусорӣ ва гайраҳоро дар бар мегирад. Наќибхони Туғрал, бо вуҷуди кушишҳои сарбастабаёнии худ,яке аз пайравони содданависӣ бедилӣ низ ба шумор меравад.Мисолҳои овардаи мо аз умумияти хоси эҷодиёти Туғрал, аз боигарии луғавии забон ва аз услуби дурангаи ў гувоҳӣ медиҳад. Бештарини лирикаи шоир ба услуби содданависии ў мансуб аст.Дар лирикаи Туғрал лавҳаҳои бисёр рангину дилнишин ба назар мерасанд.

Сарчашмаи эҷодиёти шоир назми пешинаи классикии мост. Аммо ғазалиёти ба пайравии Бедил навиштаи Туғрал ба равияи мураккабнависии анъанавӣ ва таќлидӣ мансуб мебошад. Туғрал намояндаи барҷастаи адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX буда, афкори пешќадами замон

мавзўъњои ичтимоӣ ва инъикоси њиссиёти ишќи реалӣ ва монанди инњо асоси лирикаи ўро ташкил додааст.

Лирикаи шоир гуногунрангу пурмазмун ва фасењу зебост. Туғрал маамунњои пуробуранги њаётиро ба риштаи назм кашида, њамчун устод тавонистааст,ки ғазалњои дороӣ шеърияти баланд эҷод намояд. Аа ин ҷост,ки дар адабиети таќлиди классикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Туғрал маќоми намоёне дорад.

Туғрал дар ғазалњои хеш тамоми мазмуну мавзўъњоианъанавию фалсафию ахлоќи ва ишќиву ичтимоиро, аз чумлаишикоят аз васли ёру зулму ташвиши рўзгор сарзаниши "дунёи" дун-у" эътирофи "ќисмати азалӣ", арзиши олами фанову баќо,умеду ноумеди, вайронии сохти замону бесомонии даврон,ғафлати мардуму худсарии сармоядорон, бехирадии зоњидунокасии соњибмансаб, авомфиребии муллоњои чаласаводу руњониён,сафои дўстиву сидќи бародарӣ, њусни табиату накњати чаман,дўст доштану ишќ варзидан, мард буданусаховат кардан даъват менамояд. Ба њар њол, дар симои Туғрал лирикаи зинда дилу нисбат ба њаёт некбин, марди аз неъматњои моддӣ бањравар ва хушпаймонеро мебинем, ки гоњо аз некномии ишќу носозгории ќисматаш малулу мањзун аст. Бояд гуфт, ки Наќибхони Туғрал дар саросари осори боќимондааш ба муаммоњои шеъру шоирӣ таваҷҷўњи хосе зоњир намуда, њамеша марому маќоми каломи бадеъ ва эњтироми офаринандагони шеъри дариро бузург пос доштааст.

РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1.Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.-Душанбе: 2010

2.Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ.-Душанбе: Маориф,1999

3.Абдуманонов А. Нуқтаи назар. –Душанбе:Адиб,1990

4.Амонов Р.Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ. –Душанбе: Ирфон,1984

5.Гулшани адаб, ҷилди 5.Тартибдиҳандагон: Афсаҳзод А.Сулаймонова Л., Додалишоев Ч.,Девонаќулов А.Али Муҳаммадӣ.-Душанбе: Ирфон, 1980,

6.Маъсуми Н.Туғрал ва муҳити адабии ў.-Дар кит.:Н.Маъсумӣ. Асарҳои мунтахаб, ҷилди I.-Душанбе: Ирфон,1977.

7.Мирзозода Х. Афкори рангин. –Душанбе: Ирфон,1982

8.Маҳмадшоев Ш.Туғрал. Хотираҳо аз ҳаёти Туғрал, Маориф ва маданият. 1961,23 декабр.

9.Мирзоев А.Адабиёт.Ёри барои омўзиши адабиёти асрҳои XVI, XVII,XVIII ва XIX-и тоҷик/.-Сталинобод:Нашр.давл. тоҷ.1948.

10.Мирзозода.Х.Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик.асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX/. Барои омўзишгоҳҳои педагогӣ.-Сталинобод: Нашрдавтоҷ. 1950.

11Мирзозода Х.Мубориза барои эстетикаи нави адабӣ дар адабиёти ибтидои асри XX.-Мактаби совети, 1973.№6.

12.Намунаи ашъори Туғрал. Ба чоп тайёркунанда Н.Маъсумӣ ва М.Шукуров.-Шарќи сурх.1961,№1.

13.Олимов Б.Туғрал дар орзуи баҳор буд.-Маориф ва маданият, 1961,1 декабр.

14. Раҷабов З.Ш.Аҷзи ва Асири.-Сталинобод.-Нашрдавтоҷ,1951.

15.Раҷабов З.Ш.Аз таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халќи тоҷк дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.-Сталинобод:Нашр давл. Тоҷ., 1959.

16.Раджабов З.Ш.Россия и таджикская литература конца XIX и начало XX вв.-Сталинабад: Таджикгосиздат,1959.

17.Раджабов З.Ш.Поэт-просветитель таджикского народа Асири. –-Душанбе: Дониш.1974.

18.Раҷабӣ М.Ислом,ҷадидия ва инқилоб.-Душанбе:Дониш,1997

19.Раҷабӣ М.Тадқиқи таърих-тадқиқи характер.-Душанбе:Адиб,1990

20.Сиддиков С.Тазкираи Садри Зиё.-Садои Шарќ.1966.№1.
Суханварони сайќали рўи замин.Тартибдиҳандагон ва муаллифони сарсухан Т.Зеҳни ва С.Саъдиев.-Душанбе-Ирфон.1973.

21. Султонов С. Ёддоштхо дар бораи Туғрал-Комсомоли Тоҷикистон 1965,14 март.
22. Сайфуллоев А. Аркони сухан. –Душанбе:Маориф,1985
23.Туғрали Аҳрори.Мунтахаботи ашьор. Ба чоп тайеркунанда ва муаллифи муќадиима Н.Маъсумй.- Дуашнбе; Ирфон,1964.
24 Табаров С.Таърихи адабиёти советии тоҷик.иборат аз 4 ҷилд.- Душанбе:Дониш,1978-1984
25. Табаров С.Ҳаёт, адабиёт, реализм.китобҳои 1-5. Душанбе: Ирфон.1966-1989
26. Ҳади-заде Р.Источники и изучению таджикской литературы второйполоваины XIX в.-Сталинабад:Таджикгосиздат.1956.
27. Хуҷаев Ч.Тошхоҷа Асирӣ ва эҷодиети ў.-Шарќи Сурх.1957.№1.
28. Шарипов Н.Хотироти Самарќандиён дар бораи Туғрал.- Комсомоли Тоҷикистон, 1963,19 август.
29. Ғафуров Б.Г. Таджики.Древнейшая, древняя и средневековаяистория.- М.:Наука. 1972.
30. Ҷавҳари З.Асарҳои мунтахаб. Тартибдиҳанда ва муҳаррир С.Ҷавҳаризода,муаллифи сарсухан А.Сайфуллоев.- Душанбе:Нашр давл.тоҷ.I962.
31.Туғрали Аҳрорӣ. Мунтахаботи ашъор. "Гиёҳи меҳр",муаллифони муќаддима ва матну луғат А.Пулодов ва А.Раҳмонов.- Душанбе: Ирфон, 1986 .